**Акрамова Г.Б., Алимжанова Ф.А., Михридинова Т.С.**

# САВОДОМӮЗӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 1
мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 1**

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон
тасдиқ кардааст*

**Алматы
«Жазушы»
2016**

УДК 373.167.1(075.2)
ББК 74.202.4
А34

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 хониш

 кор бо падару модар

 кор бо ҷуфт

 бозӣ

 кор бо гурӯҳ

 фикр кунед

 дар ёд дор

 сӯҳбат



бурдани тадқиқод

 супориш

 кори эҷодӣ

 иҷрои вазифа

 ба дафтар навис

 муаллим мехонад

**Акрамова Г.Б. ва дигарон.**
А34 **Саводомӯзӣ:** Китоби дарсӣ барои синфи 1 мактаби умумитаълимӣ. 3-қисм. / *Г.Б. Акрамова, Ф.А. Алимжанова, Т.С. Михридинова.* **Қисми-1.**– Алматы: «Жазушы», 2016. – 160 бет, сур.

ISBN 978—601—200—526—4

**УДК 373.167.1(075.2)**
**ББК 74.202.4**

© Акрамова Г.Б., Алимжанова Ф.А.
Михридинова Т.С., 2016
© «Жазушы», 2016

ISBN 978—601—200—526—4 (қисми 1)
ISBN 978—601—200—525—7

Барлық құқықтары қорғалған
Басылымның мүліктік құқықтары
“Жазушы” баспасына тиесілі

## Дӯсти азиз!

«Саводомӯзӣ» – ин китоби асосии ту дар мактаб мебошад. Вай туро бо овозҳо ва ҳарфҳо шинос мекунад. Хондан ва навиштан, савол додан, ҷавоб ёфтан, нақл намудан, баҳодиҳӣ ба кори худ, аз кори дӯстон шод гардиданро меомӯзонад. Бо ёрии муаллим ту иҷрои вазифаро дар дарс мустақилона, якҷоя бо дӯст, бо аҳли синф, бо ёрии калонсолон, муҳокима кардан ва хулоса бароварданро ёд мегирӣ.

Шуҷоатнокӣ ва завқмандӣ ба ту роҳи ҷаҳони ҳайратовари ҳарфро, калима ва ҷумларо мекушояд. Донише, ки ту гирифтӣ дар оянда бо ту ҳамроҳ буда ва ба ту барои ёфтани роҳи дурусти ҳаёт ёрдам мерасонад.

Муваффақият ба ту дар хондан дӯстӣ азиз!

Илм чандон, ки бештар хонӣ
Чун амал дар ту нест нодонӣ!




ҲАМА
ДАР БОР


ЧИЗ
РАИ МАН

# Дарси 1 Шиносшавӣ

**1.** Шиносшавӣ барои чӣ лозим аст?
Шинос шудан бо дӯстони нав.
Гуфтани номи худ.







Ман Далер.
Ман 7 сола шудам.
Ман талаба

Ман Дилдора.
Ман 6 сола шудам
Ман талаба.

**2.** Дар мактаб шуморо кӣ пешвоз мегирад? Номи рафиқонатонро медонед?




**3.** Шумо аллакай талаба ҳастед. Ашёҳои зарурии хонишро ҷамъ намоед.



**4.** «Дар бораи рӯзи аввали худ дар мактаб» – ро нақл намоед.

## Дарси 2

# Дар мактаб ба кадом қоидаҳо риоя кардан лозим аст?

**1.** Фикр кунед шеър дар бораи чӣ.

### Себак

Себаки сурхи сероб
Ширин асту хӯрданбоб
Себак хеле хушрӯ аст
Хушмазаву хушбӯ аст.

**2.** Нақл кунед, чӣ хел дарс сар мешавад? Бачаҳо чӣ кор мекунанд?



Нутқи мо – ин чизе, ки мо мегӯем, нақл мекунем ва мепурсем.

**3.** Муҳокима намоед, ки дар мактаб кадоме аз талабаҳо дуруст худро идора мекунанд. Дар мактаб ба кадом қоидаҳо риоя кардан лозим аст.





**4.** Сумкаҳо дар бораи чӣ сухан меронанд ? Онҳо дар бораи талабаҳо чӣ фикр доранд?



**сәлеметсіз бе**
**ассалому алайкум**
**здравствуйте**
**good morning**
**(afternoon, evening)**



# Дарси 3 Нуқтҳо чӣ хел мешаванд?

**1.** Фикр ва нақл кунед, ки одамон чӣ хел муомила мекунанд? Духтарча бо телефон дар бораи чӣ гап мезанад?





Чӣ гуна мусиқаро духтарак бача месарояд? Ҳаракат кунед, ки бо ҳамроҳи духтарак суруд хонед.

Дар бораи чӣ духтаракон хурсандона сухан меронанд?



**2.** Расмҳоро нигоҳ кун. Хулоса барор: Нутқ чӣ хел мешавад? Барои сӯҳбат чӣ ёрӣ мерасонад?

Нутқ хаттӣ ва даҳонӣ мешавад.

**3.** Бо ёрии чӣ одамони гуногун муомила мекунанд?

## Ин шавқовар!

Дар ҷаҳон одамон гуногунанд. Баъзеҳо сухан ронда, гӯш карда метавонанд. Одамони дигар гуфтан ва шуниданро намедонанд, лекин ҳамаи онҳо мубоҳиса мекунанд.

Мо муомила мекунем:




бо ёрии калима



бо ёрии даст



бо ёрии имову ишора

**сәлем!**
**салом!**
**привет!**
**Hello!**

**4.** Маданияти сухanрониро донистан лозим-мӣ? Вазъиятро бо тарзи бадеӣ ифода кардан.











**5.** Нутқи хаттӣ ва даҳониро дар куҷо истифода мебарем.

# Дарси 4 Барии сӯҳбат бо одамон чӣ лозим

**1.** Ба расмҳо нигоҳ кун. Дар дарс чӣ ҳодиса рӯй дод? Хонандагон кадом нутқро истифода бурданд?




**2.** Одамони қадима чӣ гуна муомила мекарданд, муҳокима кунед?





**3.** Бозӣ. Хондани хати сеҳрангез.

 +     + 

 + 



**4.** Ҷавоби чистонро, ки намуди алоқаи ҳозиразамон аст, ёбед.



Барои алоқа ба моён
Зарур аст ... .




Алоқаи ҳозираи замонавӣ
Ин аст нақшаи ... .

Оилаи шумо аз кадом намуди алоқа истифода мебарад? Кадом намуди алоқа ба шумо маъқул аст ва барои чӣ?



**5.** Муҳокима кунед, ки бачаҳои гуногуни ҷаҳон чӣ хел муомила мекарданд? Онҳо дар бораи чӣ бо якдигар сӯҳбат мекунанд?

Дар муомила намудан чӣ гуна душвориҳо ба вуҷуд меоянд, фаҳмонед? Ҳамдигар фаҳмиро чӣ гуна соҳиб шудан мумкин?



Ба ғайр аз калима дар одамон хусусиятҳои иловагии муомила ҳаст: имову ишора ва ҳаракатҳои иловагӣ.

# Дарси 5

# Дар бораи ҷумла шумо чӣ медонед?

**1.** Бачаҳо дар саҳро бо кадом кор машғуланд?
Трактор барои чӣ лозим аст?
Тарбуз чӣ гуна маза дорад?
Чанд нафар бачаҳо кор карда истодаанд?



Аз кадом намуди нутқ истифода бурдед?
Нутқ аз чӣ иборат аст?

**2.** Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед?



**сабақ**
**дарс**
**урок**
**lesson**

Нутқ аз ҷумлаҳо иборат аст.
Ҷумларо ин хел ишорат мекунем.

**3.** Хуршед ба Зафар барои хондани шеър вазифа супурд. Барои ифоданок хондани шеъри дӯстдоштааш ёрӣ расонд.



**4.** Бозичаҳои худро номбар кунед.



Танҳо бозӣ кардан ба шумо маъқул аст? Барои чӣ? Барои бо бачаҳо бозиҳои шавқовар кардан, розӣ ҳастӣ? Ба дӯстад дар бораи бозичаҳои дӯстдоштаат нақл кун. Онҳо чӣ хелаанд? Ту бо онҳо чӣ хел бозӣ мекунӣ?

# Дарси 6 Талаффуз чист?

**1.** Расми зерин ба кадом шеър мувофиқ аст? Шеърро хонед.

### Бар-ра-ча

Бар-ра-ча, о бар-ра-ча,
Кал-ла-ча-ат ка-ду-ча!
Ду чаш-ма-кат о-лу-ча!
Ин ла-ба-кат гул ба-рин
Он ла-ба-кат гул ба-рин
О-во-за-ки фо-ра-мат
Хо-ни-ши бул-бул ба-рин.



**2.** Шеър дар бораи чӣ гуфта шудааст? Ҷумлаҳоро бо талаффуз хонед.

3. Аломати охири ҷумларо гӯш кунед.

**дос**
**дӯст**
**друг**
**friend**

Ҷумларо ба охир расонида
Мегузорем аломати нуқта .

Ман аломати саволам
Ба ҳама савол мегузорам ?

Ман аломати хитоб
Ба ҳама мекунам хитоб !

**4.** Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед:





**5.** Аз рӯи расм ба намудҳои ҷумла мисолҳо тартиб диҳед:



**6.** Симои ҳамсинфонатонро тасвир кунед. Гӯед, ки дар онҳо симои худ ва симои ҳамсинфонатро тасвир кунед. Дар ҷаҳоне, ки ҳамаи одамон якхеланд, зиндагӣ кардан меҳоҳӣ? Фикр кунед ва фаҳмонед.



# Дарси 7 Ҷумла аз чӣ иборат аст?

**1.** Аз рӯи расми зерин ҷумла тартиб диҳед:





Ҷумлаҳо аз калимаҳо иборат аст.

Калимаро ин гуна ишорат мекунем .

**2.** Ашёҳоро номбар кунед.











Аз ҳаҷми ашё миқдори ҳарфҳои калима тағйир меёбад ё не?

**3.** Ду ҷумла тартиб диҳед. Бо ивазшавии калима мазмуни ҷумла тағир ёфт ё не?



**Сөз**
**Калима**
**Слово**
**word**

**4.** Ашёҳоро номбар кунед:













Аз рӯи ин расмҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Дарси 8**

# Дар бораи калима чӣ медонӣ?

**1.** Бо расмҳо шинос шавед ва номбар кунед:









**2.** Аз рӯи расм ҳикоя тартиб диҳед.



**1.** Бо расмҳо шинос шавед  ва номбар кунед:




**2.** Бо расмҳо шинос шавед  ва номбар кунед:











**3.** Бо расмҳо шинос шавед ва номбар кунед:






**жақсы**
**нағз**
**хорошо**
**well**

## Дарси 9

# Калима дар бораи чӣ гап мезанад!

**1.** Калимаро гӯед ва фикр кунед, ки онҳо чиро ифода мекунад?






**2.** Аз рӯи расм калимаҳо тартиб диҳед:





**бақа**
**қурбока**
**лягушка**
**frog**





**3.** Аз калимаҳои тартибдодашуда ҷумла гӯед.

**4.** Афсонаро ба хотир оред. Ба ҳар яки ин расмҳо ҷумла тартиб диҳед ва расмашро тасвир кунед:



**5.** Бозӣ "Танҳо + ҷамъ".



Тамоми муҳити атрофро одамон бо ёрии калима баён мекунанд.

Дарси 10

# Ҳиҷо чӣ гуна сохта мешавад?

**1.** Аз рӯи расм калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед.



Па – дар



Мо – дар



Па – дар – ка – лон

**2.** Аз рӯи расм калимаҳоро бо ёрии кафкубӣ ба ҳиҷо ҷудо кунед.









Қоидаи ҳиҷо ҷудокуниро дар хотир доред.

Калима ба ҳиҷо ҷудо мешавад

**3.** Расмҳоро тамошо кунед, дар бораи машғулиятҳои дӯстдоштаатон нақл кунед.



Падар, модар ва дӯстатон чиро дӯст медорад?

**4.** Дар зимистон бачаҳо чӣ гуна бозӣ мекунанд?



**заттар**
**ашёҳо**
**вещи**
**things**

Калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

## Дарси 11

# Мо ҳиҷоро чӣ гуна талаффуз мекунем?

**1.** Ин ашёҳоро чӣ меномем:





Расмро тамошо кунед. Ашёҳоро номбар кунед. Дар калима чанд ҳиҷо ҳаст муайян кунед:






**2.** Бо қоидаи нав шинос шавед. Шумо чӣ гуна мефаҳмед? Калимаҳоро бо ёрии кафкӯбӣ ба ҳиҷо ҷудо кунед:





**3.** Шумо дар бораи ин бачаҳо чӣ гуфта метавонед?





**4.** Номи ашёҳоро номбар кунед.




**үстел**
**миз**
**стол**
**table**

Оё ту асбобҳои хонишро тоза нигоҳ дошта метавонӣ?

**5.** Боз чӣ гуна асбобҳои хонишро медонед? Номбар кунед, калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед. Ҳар як ашё ҷои худро дорад.

# Дарси 12

# Ҳиҷои заданокро чӣ тарз меёбем?

1. Номи ашёҳоро номбар кунед.
Ҳиҷоҳоро аз рӯи талаффуз ҷудо кунед:










2. Ашёҳоро номбар кунед. Аз рӯи нақша калимаро ёбед.







3. Аз рӯи расмҳои мувофиқи нақша, ҷумла созед:

**4.** Аз рӯи расм калимаҳо созед.
Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.



Аз калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**тәртіп**
**тартиб**
**порядок**
**order**

**5.** Асбобҳои хонишро номбар кунед.
Аз рӯи садонок ҳиҷоро ҷудо кунед.



## Дарси 13

# Такрорӣ

**1.** Такрорӣ модари дониш аст.



Дар бораи худ ва дӯстонат нақл кунед.

**2.** Бачаҳо бо ҳамдигар чӣ гуна сӯҳбат мекунанд?



**3.** Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед:



**4.** Аз рӯи нақша калима созед:

**5.** Аз рӯи расм ҳайвонҳои хонагиро номбар кунед.



Аз калимаҳо ҷумла тартиб диҳед.

# Дарси 14

# Чиро мо мешунавем ва талаффуз мекунем!

**1.** Чиро мо мешунавем ва талаффуз мекунем. Шеърро гӯш кунед, шеър дар бораи чӣ?

Офтобак чӣ гуна?
Мисли хандон бобуна.
Сап – сафеди нозанин,
Очаҷони мо барин.



**2.** Аз рӯи расм овозҳоро муайян кунед: 3 Духтарча чӣ кор мекунад?



**3.** Қоидаро бо мисол фаҳмонда диҳед.



**Ин шавқовар!**

Мукалама байни ду одам. Аввал шахси якум гап мезанад, шахси дуюм гӯш мекунад, баъд баракс.

> Овозҳоро мо мешунавем ва талаффуз мекунем.

**4.** Аз рӯи расм овозҳои мувофиқро интихоб кунед:







Хулоса барор овозҳо чӣ хеланд?

Овозҳо

нутқӣ — ғайри нутқӣ

**5.** Ашёҳои гуногун чӣ гуна овоз медиҳанд?




**дыбыс**
**овоз**
**звук**
**sound**





Овози нутқӣ ин овозҳое, ки одамон талаффуз мекунанд. Ҳамаи овозҳои дигар ғайри нутқӣ мебошад.

# Дарси 15 Оё овозро дидан мумкин аст?

**1.** Аз рӯи аввали ҳарфи калимаҳои расм дутогӣ калима созед.






**2.** Калимаҳоро муқоиса намоед. Хонед, калимаҳо чанд овоз доранд?



| | | |
|---|---|---|
| ? | | |
| | ? | |
| | | ? |

| | | |
|---|---|---|
| ? | | |
| | ? | |
| | | ? |



**3.** Фикр кун, кадом овозҳо як хелаанд?

**4.** Дар расмҳо чиҳо тасвир ёфтаанд?
Номбар кунед, яке аз овозҳои калимаро иваз намоед. Кадом калима пайдо шуд.





Овозҳоро бо ин гуна нақша ишора менамоем ◯



**5.** Гӯш кунед:



Мияв – мияв гурбача
Ҳарсӯ нарав гурбача
Аз тиреза гурехта
Кӯча нарав гурбача.



Оё шумо гурбачаро дӯст медоред?
Дар бораи гурбачаи худ маълумот диҳед.

**6.** Дар бораи сагча шеър эҷод кунед:



малла
Накун ту алла
Охир ту посбон
Дар ин –



дон.



– гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам



– кашро ба мақсад мерасонам

**қарындаш**
**қалам**
**карандаш**
**pencil**

## Дарси 16

# Калимаҳои навро чӣ гуна месозем?

**1.** Аз рӯи расм калима созед.

**ұл**
**писар**
**мальчик**
**boy**

**қыз бала**
**духтарак**
**девочка**
**girl**



**2.** Дар расм чӣ тасвир шудааст?
Номбар кунед. Баръакс хонед, шумо чӣ ҳис кардед?







**3.** Аз рӯи расм ҳикоя тартиб диҳед.



Бачаҳо ба куҷо омаданд?
Онҳо чӣ кор карданд?

**4.** Калимаҳоро ба зиначаҳо ҷой кунед.











## Дарси 17

# Қофия чист?

**1.** Шеъро хонед.

Ман гули лола мечинам,
Лола ба хона мечинам.
Пешаки хола меравам,
Бо гули лола меравам.

Овозҳои якхелаи охири калимаи шеъри болоро гӯед.

**ақын**
**шоир**
**поэт**
**poem**

**2.** Аз рӯи расм нақшаро пур кунед.













Қофия ин овозҳои якхелаи охири калима мебошад.

# Дарси 18

# Овозҳои садонок чӣ кор мекунанд?

**1.** Ба нақша калимаҳои мувофиқро ёбед.








Овозҳои садонок дар нақша бо ранги сурх ифода карда шудааст.

**2.** Аз калимаҳо овозҳои садонокро ёбед. Калимаҳое, ки ба ҳиҷо ҷудо мешаванд, муайян кунед.





Қоидаро бо дӯстонатон дар ёд доред. Садонокҳо дар калима чандто бошад, ҳамон қадар ҳиҷо ҳаст.

**3.** Аз рӯи расм калимаҳо фикр кунед.



**4.** Ба нақша тартиб дода калимаи мувофиқро гузоред.

**5.** Шумо табиатро дӯст медоред. Нақл намоед.

**спектакль**
**намоиш**
**спектакль**
**performance**

## Дарси 19

# Зада чист?

**1.** Аз рӯи расм номҳои ашёро ёбед.








**2.** Баъзе ҳарфҳои ашёҳои боло чӣ гуна талаффуз карда шуда истодааст?
Овозҳое, ки дар охир, мобайн ва аввали калима бо овози баланд ва бошиддат талаффуз мешавад, зада мегирад.

**3.** Маънои калимаро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| пӯл – пул | гӯл – гул |
| хӯрд – хурд | кӯш – куш |
| бӯр – бур | сӯм – сум |

**4.** Аз зада гирифтани овози калима, маънои он тағир меёбад.

**5.** Номи ин ишоратҳоро гӯед.









**ғимарат**
**иморат**
**здание**
**building**

# Дарси 20 Овозҳои садонок шумоёнро ба саёҳат таклиф мекунанд

**1.** Дар бораи сирк маълумот диҳед.







**2.** Шаҳри дӯстдоштаи шумо кадом аст?






**3.** Дар бораи саёҳати худ нақл кунед.

**4.** Тасаввур кунед, ки шумо ба саёҳат баромадед дар ҳолати ногуворӣ чӣ гуна худро идора мекунед.



Дар ин ҳолат дар дасти ту телефони мобилӣ бошад ба падару модар хабар кун, агар набошад ба калонсолон муроҷиат намоед.




Дар ин ҳолат ҳамаш нағз мешавад, ором шуда вазъиятро ба даст гиред.



Дар ин ҳолат дар ҷое, ки бошӣ ҳамон ҷо ист, барои ту меоянд.

**5.** Оё ба шумо саёҳат маъқул шуд?

## Дарси 21 Овозҳои ҳамсадо чӣ гуфта метавонанд?

**1.** Ба расмҳо нигоҳ карда номи онҳоро номбар кунед.




**2.** Калимаҳои ҳосилшударо ба ҳиҷо ҷудо кунед.

**3.** Миқдори ҳиҷо ва овози калимаро ҳисоб кунед:











**4.** Ҷонваронро номбар кунед ва онҳо дар куҷо зиндагонӣ мекунанд?



Номҳои ҷонварон бо кадом овоз сар мешавад?

**5.** Дар бораи хонаи худ нақл кунед? Хонаи шумо чанд ошёна? Дар хонаи шумо газ, оби гарм ва оби хунук ҳаст ё нест?





**6.** Расми хонае, ки орзӯ мекунед, тасвир намоед.

# Дарси 22

# Ҳамсадоҳо

**1.** Инҳо қаҳрамонҳои кадом афсонаанд?



**2.** Аз рӯи расми боло нақшаи зеринро пур кунед ва ҳамсадоҳоро муайян кунед.

**3.** Фикр кунед, хонаҳо аз чӣ сохта мешаванд? Хонаи шумо аз чӣ сохта шудааст?









**4.** Дар ҳар хонаҳо ҷойҳои хатарнок ҳастанд. Расмро тамошо кунед.





Айвон, ошхона, меҳмонхона, анборхона, тагхона.

Барои чӣ дар ошхона бозӣ намекунанд?

Барои чӣ дар пешайвон ва тирезаҳои кушода бозӣ кардан мумкин нест?

Барои чӣ ба ҳуҷраҳои иловагӣ бе рухсати калонсолон даромадан мумкин нест? (тагхона, хонаи анҷомгузорӣ).

**5.** Бо ҳамроҳии калонсолон хонае, ки истиқомат мекунед шинос шавед ва донед, ки дар куҷо бозӣ кардан мумкин аст?

Ба қоидаҳои бехатарии хона риоя кунед!

Дар назди тирезаи кушода, дар пешайвон, дар болои бом бозӣ кардан мумкин нест. Анҷомҳои вазнинро набардоред!



## Дарси 23

# Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг

**1.** Шеърро хонед.

Кабӯтарак кабӯтарак,
Кабӯтараки хатбарак.
Аз дашту дарё гузар,
Хабар ба акоям бар.

**2.** Калимаеро ёбед, ки миқдори ҳарфҳои он ба миқдори доирачаҳо баробар бошад:
OOOOOOOOO

**3.** Калимаи “гузар” – ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.



Ҷарангдор





Беҷаранг

**4.** Ҳарфи аввали калимаро гӯед.





**5.** Расмҳоро тамошо кунед.

Аз рӯи расм калимаҳо тартиб диҳед. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро муайян кунед.

**қауіпсіздік**
**бехатарӣ**
**безопасность**
**safety**



Барои шумо чӣ хатарнок аст?

## Дарси 24

# Овозҳо чӣ гунаанд?

**1.** Чистонро хонед ва ёбед:
Дасту по надорад,
Ҳамаро меҷумбонад. (шамол)

**2.** Аз ин чистон аввал ҳарфҳои садонок, баъд ҳарфҳои ҳамсадоро ҷудо кунед.

**3.** Аз рӯи расм номи онҳоро муайян карда ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.





**4.** Расмро тамошо кунед чӣ гуна ашёҳоро шумо мебинед?









Калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед.

**5.** Аз рӯи нақша ҷумла тартиб диҳед.

.

!

?

бөлме
хона
комната
room

Овозҳо садонок ва ҳамсадо мешаванд. Ҳамсадоҳо ҷарангнок ва беҷаранг мешаванд.

**6.** Кадом асбобҳои рӯзғори барқиро медонед?



Дар бораи ҳарфи аввал ва охири калима маълумот диҳед, чӣ гуна овозанд?
Оё бо асбобҳои барқӣ кор мекунед.

Асбобҳои барқиро бо ёрии калонсолон истифода баред!

# Дарси 25

# Шумо дар бораи овоз чӣ медонед?

**1.** Расмҳоро нигоҳ кунед.

  

Калимаро номбар кунед. Овозҳои калимаро муайян намоед.

**2.** Дар кадом хоначаҳо бозичаҳо зиндагӣ мекунанд? Калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед. Миқдори тирезаҳо ба миқдори ҳиҷо баробар аст.

  

  

**3.** Ба ёд оред ҳамсадоҳо чӣ гуна талаффуз мешаванд.

овоз

садонок — ҳамсадо

**3.** Ҳамсадоҳои шеъри зеринро муайян кунед.

Се-ба-ки сур-хи се-роб
Ши-рин ас-ту хӯр-дан-боб.

**4.** Шеърро хонед

**Мижгона**

Мижгонаҷон, Мижгона,
Хоҳари ҷон, Мижгона.
Мижгона дар боғ буд,
Зулфаш пари зоғ буд.
Зулфакашро бофтем,
Пушти сар партофтем.
Мижгона рӯи сабза,
Гул чинад қабза-қабза.

**ойыншықтар**
**бозичаҳо**
**игрушки**
**toys**



Шумо дар хона чӣ гуна бозичаҳо доред?
Бозичаҳои шумо аз чӣ гуна мавод сохта шудаанд?

**5.** Калимаҳои, ки охири овозҳояшон якхелаанд аз сутунҳои муқобил ёбед.

| | |
|---|---|
| Хона | Писар |
| Духтар | Харбуза |
| Тарбуза | Шона |
| Падар | Модар |

## Дарси 26 Шумо кадом нутқро истифода мебаред?

**1.** Афсонаи “Рӯбоҳи зирак ва гурги ғофил”-ро ба ёд оред. Аз рӯи афсона ба ҳамдигар саволу ҷавоб кунед.



**2.** Аз рӯи афсона саҳнача тайёр кунед.

Одамон дар муомила аз кадом намуди алоқа истифода мебаранд? Барои муомила кардан бо дӯстон ва ҳамсинфон чӣ ёри мерасонад?

**3.** Ҳикояи “Зоғи доно” – ро нақл кунед



4. Аз рӯи расм калимаҳо ёбед, аз калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

5. Расмро нигоҳ кунед

Аз рӯи расм нақша тартиб диҳед.

**Ертегі**
**Афсона**
**Сказка**
**Fairy tale**



6. Аз рӯи нақшаи боло овозҳои садонок ва ҳамсадоро муайян кунед.

## Дарси 27

# Саҳифаи бозӣ

**1.** Нақл дар бораи овоз

овоз → садонок, ҳамсадо

Аз рӯи расм калима созед, овозҳои садонок ва ҳамсадоро муайян кунед.



**2.** Нақшаи калимаро тартиб диҳед.

**3.** Аз овозҳои аввала калима созед.

| д | а | р | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|

# Дарси 28 Саҳифаи доноӣ

**1.** Ба бачаҳо номҳо гузошта, ҳикоя кунед.



**2.** Ребусҳоро ёбед.



+



**3.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



Дониш аз хониш.

4. Хонед.

Тавоно бувад ҳарки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Калимаҳои тавоно, доно, дониш, барно, дил – ро ба ҳиҷо тақсим кунед.

**5.** Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед. Ҷумлаҳоро ба нақша гиред.



# Макта









# аби мо










## Дарси 29

# Овозҳо аз ҳарфҳо чӣ фарқ дорад?



**1.** Бачаҳо чӣ гуна овозҳоро талаффуз мекунанд, ёбед?



Овозҳои садонок    а, о, у, и, э, ӯ



**2.** Шеърро гӯш кунед.

**“Ҳарфҳо”**

Ҳарфе, ки мо мехонем ,
Ҳарфе, ки мо медонем,
Ҳамеша орад ба ёд
Манзарае аз ҳаёт.

Ҳарфи О мисли кӯлча
Ҳарфи Б ранги дӯлча

Ҳарфи Ш мисли шона
Ҳарфи С чун дастпона

Ҳарфи В ранги айнак
Ҳарфи Ж чун тортанак.
Агар ҳарфҳоро донем,
Ҳама дунёро донем

*Гулназар Келдӣ*



**3.** Оё мо овозҳоро хонда, дида, ранг карда, сохта метавонем? Ҳарфҳоро чӣ?



## **4.** Калимаро аз рӯи нақша ёбед.

ҳайвони хонагӣ

ҳайвони ваҳшӣ

шириниҳо

меваҳо

Асбобу анҷомҳои хониш

## **5.** Номҳои бачаҳоро мувофиқи нақша ёбед.

**Әліпби**
**Алифбо**
**Алфавит**
**Alphabet**

Аа  Адолат, Азиз

Бб  Бегзод, Барно

Гг  Гулнора, Гавҳар

Дд  Дурдона, Далер

# Дарси 30

## Овози (О) Ҳарфи О о

Ин нақшаро ба хотир оред. Фаҳмонед.



**1.** Аз рӯи расм калимаҳое, ки овози О дорад, ёбед. Номҳои ашёҳоро номбар кунед.







Нақшаи онҳоро созед.

Номҳои ҳамсинфонатонро гӯед, ки бо овози О сар шавад.

Орзугул Олимҷон Обидҷон

О – ро осон мехонем
О – навишта метонем



Қоидаро бо ҳамсинфонатон дар ёд доред.
Овози О садонок аст.



**2.** Шеърро гӯш кунед ва дар хотир доред. Калимаҳоеро номбар кунед, ки дар он овози О – ро мешунавед ва ҳарфи о – ро мебинед.



Оҳу ҳайвони ҳушёр,
Ба давидан ӯ тайёр.

**3.** Аз рӯи расм нақл кунед. Аз рӯи нақшаи зерин ҷумла созед.



**Тіл**
**Забон**
**Язык**
**Language**

☐ ☐ ☐ ☐ !

Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо гузоред

о

# Дарси 31 Овозҳои садонок чӣ хел талаффуз мешавад?

**1.** Одамон чӣ кор мекунанд? Дар кадом ҳолатҳо овози О – ро талаффуз мекунад?

Ин ҳолатро бо тарзи бозӣ нишон диҳед.







Нигоҳ кунед, ки ҳофиз ба сурудхонӣ чӣ тарз тайёрӣ дорад.

Ин шавқовар!
Хофиз – ин шоир,
ин сурудхон
ин бастакор.





Нақшаи калимаро созед?

Достон 

Доира 

Дутор 

**2.** Хонед ва фаҳмонед.

Олуча гули бодом
Ман духтараки додом,
Додом шишта чой нӯшад
Ман чой резаки додом.

Калимаҳое, ки овози о доранд ,аз даруни шеър ҷудо кунед



**3.** Номи ҳайвонҳое, ки ҳарфи О дорад, ба хона таклиф намоед.



**рахмет**
**раҳмат**
**спасибо**
**thank you**

**4.** Афсонаи “ Рӯбоҳ ва мурғ “- ро нақл кунед.



**5.** Барои муомила кадом калимаҳои зарурӣ лозим аст?

**6.** Ба овози О тавсиф диҳед.
Овози о -ро ёбед.

А Л Р
К О У Т

# Дарси 32 Бозии ҳарфҳо



**1.** Дар номи кадом китобҳои дарсӣ овози о ҳаст?










Калимаҳоро ба ҳиҷо тақсим кунед.



**2.** Шеърро гӯш кунед ва хонед.

Офтобак чӣ гуна
Мисли хандон бобуна,
Сап-сафеди нозанин
Очаҷони мо барин.

Аз рӯи шеър нақшаи заринро пур кунед.









**3.** Аз ҳарду мавод ҳарфи о – ро созед.



**4.** Расмҳоро тамошо кунед. Аз рӯи нақша ҷумла созед. Дар номи кадом ашёҳо овози о нест.



**5.** Аз мактаб ман чӣ омӯхтам? Ҷумлаҳоро давом диҳед.

Ман донистам, ки дар мактаб
Ман фаҳмидам,ки бача
Ман дидам, ки дар мактаб
Мактаб –





# Дарси 33

# Мо дар мактаб чӣ кор мекунем?



**1.** Номи ашёҳое, ки бо ҳарфи о меоянд, фикр кунед.



Ба нақша калима ёбед.



**2.** Шумо дар мактаб чӣ кор мекунед, доир ба он ҷумла созед.



**Синфи**

Талабагон

________ муомила мекунанд

Мактаб ___________

**3.** Дар барои  мактаб шеър эҷод кунед.

______________ калон аст.
______________ шодон аст,
______________ хонанд,
______________ донанд!



**4.** Ман чиро медонам?

– Ман ҳарфҳоро нависта метавонам.

– Ман бо дӯстонам муомила карда метавонам
– Ту чӣ кор карда метавонӣ?





– Ман дар мактаб чӣ кор карданамро ба шумо нақл карда метавонам.

– Ман номи худро навишта метавонам.





# Дарси 34

# Дар кучо чаҳидану бозӣ кардан мумкин аст?

Машғулиятҳо дар кучо мегузарад?



**1.** Имрӯз шумо ба саёҳати мактаб меравед. Ба шумо харитаи мактаб ёрӣ медиҳад.

Ту дар саёҳат  кадом иморатҳои мактабро тамошо кардӣ?



Дар кадом калима ҳарфи о ҳаст?
Ин иморатҳо барои чӣ заруранд?











**2.** Фикр кун ва гӯй, ки дар кадом иморатҳои мактаб чаҳидан, давидан мумкин аст?
Дар кадомаш мумкин нест?

Ба нақша калима ёбед.



**мұғалім**
**муаллим**
**учитель**
**teacher**



**3.** Ҳолатҳои ҳархеларо дар вақти танаффус дар ҷойҳои зарурӣ ошхона, китобхона ва дар синфхона нишон диҳед. Қоидаҳои тартиботро дар мактаб ба ёд оред.











**4.** Нақшаи худро дар бораи мактаб ба дӯстад нақл кун. Дар вақти саёҳат дар мактаб ба дӯстад чӣ маъқул шуд.

# Дарси 35 Овози (А) Ҳарфи Аа

Ин нақшаро ба хотир оред. Фаҳмонед.

**1.** Ба расҳо нигоҳ кун. Ту чиро мебинӣ? Номбар кун.







Ангури мо ширин аст,
Қанду асал барин аст.

**2.** Ҳолатҳои талаффӯзи овозӣ А а.




**3.** Фикр кун, аз ҳолати рӯи талаба кайфиати ӯ чӣ гуна аст?







**4.** Дар номи кадом парранда ва ҳайвонҳо ҳарфи А ҳаст, баён намоед.











Ин нақша ба кадоми онҳо мансуб аст?



Ин қоидаро дар хотир доред!
Ҳарфи А овози саданок мебошад.

А О

**5.** Хонед.

А А А
А а а А-а –а-у!
А а а

Ин қоидаро дар хотир доред.

Ҳарфи (А) овози садонок мебошад.

**6.** Ашёҳо чӣ гуна овоз мебарорад?







# Дарси 36

## Дарс чист?



**1.** Ба ҳарфи А калима созед.





**2.** Ҳисоб кунед, ки дар шеър чандто ҳарфи а ва о ҳаст?

А – аз ҳама аввал аст,
А – аз ҳама афзал аст

О – навишта метонем,
О – ро осон мехонем.

**білім**
**дониш**
**знание**
**knowiedge**



**3.** Дар бораи ҳамсинфҳои худ ҷумла тартиб диҳед.





**4.** Дарси дӯстдоштаи шумо кадом аст? Барои чӣ? Бо ёрии имову ишора дар дарс чиро нишон додан мумкин аст?




Дар дарс чиро меомӯзед?



Талабаҳо дар ин дарс чӣ кор мекунанд?



Ба ту ин дарс маъқул аст, барои чӣ?



Дар ин дарс ҷаҳидан ва давидан мумкин аст.

**5.** Бо дӯстатон хонед.





Барои чӣ ин хел мегӯянд, шумо чӣ хел фикр доред? Дониш аз хониш.

# Дарси 37

# Бачаҳо чӣ хел ба мактаб тайёрӣ мебинанд?

**1.** Ба расмҳо нигоҳ карда гӯед, ки бачаҳо чи кор карданд?



**оқулықтар**
**китобҳо**
**учебники**
**textbooks**

**2.** Ин расмҳо чӣ фарқ дорад.

Хонаи шумо аз мактаб дур аст ё наздик?



дур



наздик



Ин ҷумлаҳоро давом диҳед ва калимаҳои “дуру наздик” – ро истифода баред.

Ман ба мактаб оҳиста меоям, чунки----------------------. Ман ба ба мактаб тез меоям, чунки ----------------------

**3.** Шеърро гӯш кунед.

### Китоби хоно

Аз ин китоби хоно ,
Аз расмҳои зебо ,
Ҳарфи бисёр омӯхтем.
Мо гапу кор омӯхтем.
Чистону таронаҳо ,
Гулчини афсонаҳо ,
Ҳар чӣ ки хостем мо,
Ёфтем аз Алифбо.

*Меҳмон Бахтӣ*







Нақл кунед, ки ба сумкаи худ чӣ андохтан лозим? Агар шумо китобҳои дарсиро фаромӯш кунед, чӣ мешавад?

# Дарси 38

## Бачаҳо чӣ гуна ба мактаб мерасанд?



**1.** Расмҳоро тамошо кунед.
Аз рӯи нақша ҷумла тартиб диҳед.











**жол**
**роҳ**
**дорога**
**road**



Шумо чӣ хел фикр мекунед, роҳи кадоми аз ин бачаҳо шавқовар аст?

**2.** Доир ба талабаҳои дар роҳ ба мактаб мераванд, ҳикоя фикр кунед.



**3.** Шумо чӣ хел ба мактаб меравед, ҳикоя кунед ва дар роҳ чиро мебинед?

**4.** Бо воситаи чӣ шумо ва рафиқонатон ба мактаб мерасед?

Ҷадвали синфро тартиб диҳед

| | Роҳ ба мактаб | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Зебо | Меҳроб | Нодира | Шоҳруз |
| велосипед | | | | |
| автобус | | | | |
| пиёда | | | | |
| мошина | | | | |

# Дарси 39

# Бачаҳо чӣ гуна ба мактаб мерасанд?

**1.** Аз рӯи расм нақл кунед.






**2.** Ба шумо дар майдончаи спортӣ бозӣ  кардан маъқул аст   ё не?




**3.** Кадом намуди истироҳат ба шумо маъқул аст?









**4.** Дар бораи як рӯзи истироҳати худ нақл кунед.

## Дарси 40   Овози Л   Ҳарфи Л л

Фикр кунед.

**1.** Ҳарфҳои аввали калимаҳоро муқоиса кунед.





Лола, лола, ҳай ло-ла,
Бул-бул омад ба лона.

**2.** Номҳоро хонед.

Лола   Латиф
Лайло   Латиф
Латифа   Лутфулло

**3.** Ҳарфҳои аввали калимаҳоро муқоиса кунед.






## **4.** Хонед.

Омад фасли баҳорон.
Пурлола шуд кӯҳсорон,
Мо бо шодӣ давидем,
Як доман лола чидем.
Кӣ аст аз лола беҳтар ?
Аз лола беҳтар- модар
Ин лолаҳоро хандон
Гиред аз ман модарҷон !

Шумо ҳам ба модаратон гул тӯҳфа кардаед? Қай?







**сыйлық**
**тӯҳфа**
**подарок**
**gift**

Гуед, ки кай ва кадом вақт гул тӯҳфа мекунанд?
Ҳарфи навро аз рӯи нақша ҷо ба ҷо гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | | | | | | | | | | | | Л | | | | | | | | | |

# Дарси 41 Шумо роҳи бехатар то мактабаро чӣ хел мефаҳмед?

**1.** Аз рӯи расм нақл кунед. Аз рӯи нақша ҷумла тартиб диҳед.





**2.** Ашёҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда номбар кунед.






**3.** Ҳарфҳоро такрор кунед.

О - а - л　　　а---о-----л
О - л - а　　　л - а------о
Л - о - а　　　а - л - о
О - л - л - о　　　ла – ла　ал – ло

**4.** Номҳои бачаҳоро номбар кунед.









**5.** Аз рӯи расмҳо ҷумла фикр кунед.

**6.** Талабаҳо бояд аз роҳ чӣ гуна гузаранд?





**7.** Нақшаи роҳи аз хона то мактабро тасвир кунед.

# Дарси 42 Барои чӣ бачаҳо бозиро дӯст медоранд?



**1.** Аз ҳарфи аввали ашёҳо калимаро ёбед.










**2.** Шумо кадом намуди бозиҳоро дӯст медоред? Дар вақти танаффуз чӣ гуна бозӣ кардан даркор аст?



**3.** Шеърро хонед.

**Гунҷишкак**



Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяки хушрӯяк.
Дар панҷааш шохчаҳо,
Дар болои буттаҳо.
Нишаста бозӣ мекард.
Худ нағмасозӣ мекард.

*М.Миршакар*



**4.** Ба дӯстатон барои ба хона даромадан ва аз он баромадан ёрӣ расонед.





**5.** Ба дӯстатон кадом бозӣ маъқул аст. Барои чӣ? Бозии дӯсдоштаатонро фикр кунед ва ба ҳамсинфонатон ёд диҳед.

## Дарси 43

# Хониши эҷодӣ дар бораи мактаб

**1.** Дар назди шумо намоиши китобҳои бачагона ҳаст ва онро тамошо кунед. Фикр кунед, ки китобҳо дар бораи чӣ гап мезананд? Хондани кадом китобҳоро дӯст медоред? Дар хонаатон чӣ гуна китобҳо ҳастанд



**2.** Дар бораи китоби дӯстдоштаатон ба нақл кардан тайёр шавед.

**3.** Шеърро гӯш кунед. Вай дар бораи чӣ?



Мактабам, нури дидагонам – ту!
Мактабам, умри дидагонам – ту!
Мисли модар муҳиббу ғамхорӣ,
Мактабам, ёри меҳрубонам – ту !
Бахту шодӣ-мудом ёри ман ,
Мактабам, боғи бехазонам – ту!

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*

Дар бораи мактаб чӣ гуна шеър медонед?

**4.** Ба бачаҳо ном гузор.





**хурсандӣ**
**радость**
**қуаныш**
**gladness**





Аввалин бор, ки шумо ба мактаб қадам гузоштед чиро ҳис кардед?
Шуморо аввалин шуда кӣ пешвоз гирифт?
Номи муаллими шумо кист?

**5.** Расмҳоро тамошо кунед.
Аз рӯи нақша ҷумла тартиб диҳед.







## Дарси 44 Дар китоб чӣ шавқовар аст?

**1.** Порчаҳо аз шеърҳои муаллифони гуногунро гӯш кунед.

**Китоби хоно**

Аз ин китоби хоно,
Аз расмҳои зебо.
Ҳарфи бисёр омӯхтем,
Мо гапу кор омӯхтем.

*М. Бахтӣ*

**Ман алифбо мехонам**

Ман алифбо мехонам,
Бурро – бурро мехонам
Алифбои суратдор
Сураташ ҷудо бисёр.

*У. Раҷаб*

**Баҳори кӯҳистон**

Мо имсол ҳам ҷӯшидем,
Дар ҳар дарсе кӯшидем.
Мактаб аз мо розӣ шуд,
Вақти гашту бозӣ шуд.

*А. Лоҳутӣ*

**Муаллим**

Муаллими меҳрубон,
Меҳратон дар дилу ҷон.
Лафзи ширину равон
Мо аз шумо омӯхтем.

*Н. Розиқ*

Аз китоб чиҳоро донистан мумкин аст.



**2.** Расмҳоро тамошо кунед ва аз рӯи он нақл созед.



Шумо ҳам ба ҳайвонҳо ёрӣ мерасонед?

**3.** Шеърро хонед.

**Мӯъҷиза – мактаб**

Мактаби мо мӯъҷизааст,
Дар он ҳама хурсанданд,
Дар он ҳама хушвақтанд,
Бигзор,ки чунин бошад!
Ҳар хонанда хуб медонад.
Бе мактаб ҷаҳон торик мемонад,
Мактаб дӯсти бачаҳост
Мактаб фасли бебаҳост.

Барои чӣ мактабро ба хонаи умумӣ монанд мекунанд?

**4.** Шумо дӯст ё дугона доред?
Дар бораи дӯстдоштаатон нақл кунед.

# Дарси 45 Овозӣ (Н) Ҳарфи Н н

Фикр кунед.

**1.** Расмҳоро тамошо кунед. Калимаҳое, ки овози н дорад, номбар кунед.







Н Н-ро хондан осон аст,
Н – ранги норбон аст.

**2.** Хонед. Ба нақшаи зерин калима ёбед.

Лола ана но-ма.
Ма Лола но-ма

**3.** Хонед. Хоҳару додаратон чӣ ном дорад?

Дар Лола Нурулло ва Латофат.
Дар Насима бошад Анвар ва Акбар. Шумо хоҳару додар доред? Онҳо чӣ ном дорад.

**хоҳар**
**сестра**
**қарындас**
**sister**






**4.** Хонед. Хоҳару додар ба ҳамдигар чӣ хел муносибат мекунанд?



### Нодир

Лола ба Нодир себ медиҳад.
Нодир себро дӯст медорад.

Ҳарфи навро ба нақша ҷо ба ҷо гузоред.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | О | | | | | | | | | | | | | Л | | Н | | | | | | |

# Дарси 46

# Аз китоб дар бораи мактаб боз чиҳо донистан мумкин?

**1.** Чистонро ёбед.

Ба биное, ки дарояд,
Аз он бо дониш барояд.




Калимаро ба ҳиҷо тақсим кунед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед.






**2.** Ҳарфҳоро такрор кунед ва хонед.

О-а-л-н н-а-ол
А-о-л-н л-о-н-а
Н-о-л-а л-н -а-о.

**3.** Фикр кунед, гуед, ки кадом китобҳо дар бораи мактаб маълумот диҳед.








Ту чӣ хел китобҳо дорӣ?

4. Зарбулмасалҳоро гӯш кунед. Ва маънои онҳоро фаҳмонед.

Дониш талабу бузурги омӯз
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.
Донаи асал асту, нодони заҳр
Нодонӣ бифрӯшу доноӣ бихар.

Калимаҳое, ки овози (н) дорад номбар кунед.

5. Матнро гӯш кунед. Дар матн дар бораи чӣ сухан меравад. Дар ҷумлаи якум чанд калима ҳаст? Чандто калима дар охири ҷумла ҳаст?

## Мактаб

Мактаби мо калону хушрӯй аст. Дар мактаб писарону духтарон таҳсил мегиранд. Нодир талаба мебошад, Лола талаба аст. Талабагон ба синф даромаданд. Онҳоро муаллима пешвоз гирифт. Занги мактаб садо дод. Дарс сар шуд. Мактаб ором шуд. Муаллима ба бачаҳо салом дод. Бачаҳо ба ҷояшон нишастанд.

Калимаҳоеро номбар кунед, ки овози саданоки шинос доранд.

Доир ба ҳикоя саволҳоеро фикр кунед, ки ҷавоби он “ҳа”- ё “не”бошад.



## Дарси 47

# Ман талаба



**1.** Ту талаба ҳастӣ. То ба мактаб омадан ту кӣ будӣ? Дар мактаб талабагон бо чӣ гуна навигариҳо шинос мешаванд?

### Ҳикояро гӯш кунед

Ноила чӣ хел ба мактаб рафт. Вақте ки хонандагон ба ҷои худ нишастанд, муаллима пурсид:

– Оё медонед, ки барои чӣ бачаҳо ба мактаб мераванд?

– Нодир гуфт:



– Барои хондан:

– Нигина гуфт:

– Барои ёд гирифтани навиштани хат.

– Юсуф гуфт:

– Барои ҳисоб кардан.

– Офарин бачаҳо –ҳама ҷавоби дуруст доданд.

– Ноила аз ҷояш хеста,анҷомҳояшро гирифта ба пеши дар рафт.

– Ман ба хона меравам. – Ман аз мактаб меравам, барои он ки хондану навиштан ва шумориданро медонам.

– Аҷоиб гуфт-муаллима. Ба ман маълум,ки на ҳама чизро медонӣ.

– Масалан адади 2-ро 5 – маротиба зиёд кунем чанд ҳосил мешавад. Бо забони англисӣ (гурбаро) чӣ меноманд .Филҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд.

Оё ҳамаи онҳоро дар мактаб меомӯзанд, гуфт Ноила.

– Албатта. Барои чӣ ҳама дарахтон сабзанд, барои чӣ ситораҳо дурахшон ва ғайраҳо.

– Ту дар мактаб мемонӣ?

– Мемонам гуфта Ноила ба ҷояш нишаст.



**2.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Барои чӣ Ноила аз мактаб рафтанӣ шуд? Барои чӣ Ноила аз фикраш гашт? Барои чӣ шумо ба мактаб омадед? Ту аз мактаб чӣ гуна дониш гирифтанӣ ҳастӣ? Вазъиятро бо тарзи бозӣ нишон диҳед. Аз рӯи ҷавоби Ноила, Юсуф, Нигина нақшаи ҷумла созед.

**3.** Аз рӯи нақшаи зерин ҳикоя тартиб диҳед.



